**Тақризи роҳбари илмӣ**

**ба диссератсияи докторанти PhD-и Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Дар зарбулмасалу мақолҳо муносибатҳои шахсӣ равшантар инъикос меёбанд, аз ин рӯ онҳоро «оина»-и фарҳанг меноманд, зеро худогоҳии мардум, ҳувият ва ҷаҳонбинии онҳоро инъикос менамоянд.

Дар зарбулмасал назари таҷрибавӣ, эҷодӣ ва фалсафӣ ба ҷаҳон нуҳуфтааст, ки онро ба як олоти арзишманд мубаддал мекунад. Агар фарҳангро муҳити ташаккули тафаккури инсоният шуморанд, пас зарбулмасалро метавон воситаи худогоҳии фарҳанг номид, ки онро дугоники ҷавҳари ҳастии инсоният – забон офаридааст.

Бинобар ин мавзӯи кори илмии Парвоева Н. З. дар ҳақиқат актуалӣ ба ҳисоб рафта, аввалин таҳқиқот дар бахши паремияҳо, алалхусус дар ҷанбаи муқоисавӣ дар забони вахонӣ ба ҳисоб меравад. Зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ то ҳанӯз таҳқиқ нашуда, ҳамчун як ҷузъи норавшан боқӣ монда буд. Бинобар ин, пажӯҳиши хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ метавонад, ки дар ин масъала равшанӣ андозад. Кори таҳқиқотии мазкур аз муқаддима се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима ташкил ёфта, бобҳои он дар навбати худ ба зербобҳо тақсим мешаванд. Дар сарсухан муаллиф муҳимияти интихоби мавзӯъро асоснок карда, дараҷаҳои таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳо, навовариҳои кор, асосҳои методологӣ ва ҷанбаҳои амалии таҳқиқотро таҳлил ва баррасӣ кардааст.

Муаллиф дар боби аввал “Асосҳои назариявии таҳқиқоти муқоисавии зарбулмасалу мақолҳо дар илми забоншиносӣ”, ки дар навбати худ аз 5 зербоб иборат мебошад, доир ба асосҳои назариявии таҳқиқоти зарбулмасалу мақолҳо дар илми забоншиносӣ, хусусан, забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ ва доир ба қолабҳои сохториву маъноии онҳо аз назари забоншиносон ва фолклоршиносон маълумот дода, ҳамзамон, доир ба таҳқиқоти зарбулмасалҳо дар забоншиносии тоҷику англис, инчунин, зарбулмасалу мақолҳо ҳамчун сарчашмаи муаълумот доир ба фаҳмишу дарки ҷаҳони халқҳои забонашон бехат ба таври дақиқ аз нигоҳи назариявӣ маълумот додааст.

Дар боби дуюм “Вижагиҳои маъноии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ” муаллиф ба таснифоти маъноии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ ва англисӣ тавағҷуҳ намуда, қабатҳои лексикии онҳоро дар забонҳои муқоисашаванда муайян намудааст. Боби мазкурро муаллифи рисола аз 6 зербоб мураттаб намуда, дар онҳо масъалаҳои инъикоси арзишҳои ахлоқии мардумони забонҳояшон муқоисашаванда дар зарбулмасалу мақолҳо, таҷассуми анъанаҳои миллӣ дар зарбулмасалу мақолҳо, инъикоси бархе аз махсусиятҳои миллии тоҷикони вахонизабон дар зарбулмасалу мақолҳо, баъзе вижагиҳои ҳувияти миллии мардуми англисзабон дар зарбулмасалу мақолҳо, инъикоси муносибатҳои оилавию хешутаборӣ дар зарбулмасалу мақолҳои вахониву англисӣ, инъикоси муносибати инсон ба меҳнат дар зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ, инъикоси анъанаҳои меҳмоннавозӣ дар зарбулмасалу мақолҳои мардумони забонҳояшон муқоисашаванда, ифодаи эҳсоси тарсу ваҳм дар зарбулмасалҳои вахониву англисӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби сеюмро муаллиф ба таҳлили вижагиҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ бо унсурҳои зоонимӣ ва соматикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ бахшида, дар ин боб дар зарбулмасалу мақолҳо таҷассум ёфтани ахлоқи инсонӣ, ҳамчунин тавассути онҳо ифода ёфтани хислату хусусиятҳои мусбию манфии мавҷудоти олами атроф дар мавриди ташбеҳ додан ба одам нишон дода шудааст.

Доир ба мавзуи диссертатсия диссертант 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои 6 тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақолаи илмӣ дар нашрияҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ ба табъ расонидааст. Ҳамчунин, муҳтавои диссертатсия дар шакли маърузаҳо дар конференсияҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст.

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи барасмиятдарории диссератсия омода гардида, фишурдаи муҳтавои диссертасияро фаро мегирад.

Муҳтавои диссертасия ба шиносномаи ихтисос пурра мувофиқат намуда, дастгоҳи илмии он ба талаботи «Дастуруламал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертасияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия», ки бо қарор Раёсати КОА ҶТ аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, диссератсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор  аз рӯи ихтисоси 6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гардидааст, хотимаёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва барои ҳимоя пешниҳод мегардад.

Муаллифи диссератсия Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна барномаи тайёркунии кадрҳои илмиро дар докторантура солҳои 2015 -2018 аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ аз худ намуда, имтиҳонҳои маҷмуии муқарраршудаи докторантура аз рӯйи ихтисосро супоридааст. Мавсуф тибқи ихтисоси  илмии докторантура аз рӯйи ихтисос диссертасияи илмиро дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ)» таълиф намудааст. Аз таълифи диссератсия бармеояд, ки муаллифи он ҳамчун муҳаққиқи хубе ба камол расида, бо дастовардҳои забоншиносии муосир хуб ошност, аз маводи забонӣ хуб истифода мебарад ва фикру андешаҳои илмии худро бо далелу бурҳон ба таври зарурӣ асоснок карда метавонад. Аз ин рӯ, муаллифи диссертатсия Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
вакили Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикстон Матробиён Саодатшо

26.04.2022 г.

Нишонӣ: 734019, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 42
E-mail: s.matrobov@mail.ru
Тел: (992)93 508 71 38

Имзои С.Қ.Матробиёнро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси
Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Файзалӣ
28-уми апрели соли 2022

ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС